**аз 25.11.2022, №603**

Дар бораи Тартиби пешбурди махзани электронӣ

Мутобиқи банди 36) моддаи 2 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби пешбурди махзани электронӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
3. Сардорони сарраёсатҳо ва раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, мақомоти ҳудудии андоз ва КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» иҷрои фармоиши мазкурро таъмин намоянд.
4. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба муовинони Раис, сарраёсатҳо ва раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, мақомоти ҳудудии андоз ва КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» дастрас намояд.
5. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаи «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намояд.
6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Раис Нусратулло Давлатзода

Замима
ба фармоиши Раиси
Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___» ______ соли 2022, №____
тасдиқ шудааст

Тартиби пешбурди махзани электронӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби пешбурди махзани электронӣ (минбаъд Тартиб) дар асоси банди 36) моддаи 2 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, қоидаҳои нигоҳ доштани маълумоти ҳифзшуда, ки барои баҳисобгирии дурусти манбаъҳои андозбандӣ истифода бурда мешавад, муайян менамояд.

2. Мафҳумҳои зерин дар Тартиб истифода мешаванд:

- махзани электронӣ – маҷмӯи маълумоти электронии ҳифзшуда, ки барои муайян намудани баҳисобгирии дурусти амалиёти андозсупорандагон ва манбаъҳои андозбандӣ истифода бурда мешавад;
- дастрасӣ ба махзани электронӣ - усул ва воситаи пайвастшавии истифодабаранда ба модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии андоз;
- истифодабарандаи махзани электронӣ - корманди мақомоти андоз, намояндагони вазорату идораҳо ва андозсупорандагон, ки аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Кумитаи андоз) барои дастрасӣ ба модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии андоз иҷозат дода шудааст;
- логин – ворид намудани маҷмӯи ҳарфҳо ва ё рақамҳоест, ки барои дастрасӣ ба махзани электронӣ зарур буда, муносибат ва ҳуқуқҳои дастрасии истифодабарандаро муайян менамояд;
- рамз - маҷмӯи аломатҳои махфии мебошад, ки барои таъмини бехатарӣ ва пешгирии дастрасии беиҷозат ба махзани электронӣ истифода мешавад.

3. “Логин” ва “рамз” такрорнашаванда буда, истифодабарии як “логин” аз ҷониби дигар шахс қатъиян манъ мебошад.

4. “Логин” тариқи системаҳои ҳифзи иттилоот ташаккул дода шуда, ба корманди мақомоти андоз як маротиба таъмин карда мешавад ва дар ҳолати ҷойивазкунии корманд “логин” тағйир дода намешавад. Дар ҳолати ҷойивазкунии корманд танҳо дастрасӣ ба истифодабарии модулҳои алоҳидаи барномаи компютерӣ вобаста ба мансаби ишғолнамудаи корманд

тағйир дода шуда, дастрасии корманд ба махзани электронӣ таъмин карда мешавад.

## 2. ТАШАККУЛ ВА ПЕШБУРДИ МАХЗАНИ ЭЛЕКТРОНӢ

5. Махзани электронӣ дар асоси маълумоти ба барномаи компютерии андоз дохилнамудаи мақомоти андоз, мақомоти давлатӣ (дар доираи шартнома), андозсупорандагон, ки барои муайян намудани баҳисобгирии дурусти манбаъҳои андозбандӣ истифода бурда мешаванд, ташаккул дода мешавад.

6. Пешбурд ва нигоҳдории маълумот дар махзани электронӣ бо истифода аз воситаҳои барномавию техникӣ сурат гирифта, дар реҷаи автоматикунонидашуда таҳти назорати мақомоти андоз ва Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» ҳифз карда шуда, махфияти он таъмин карда мешавад.

## 3. ДАСТРАСӢ БА МАХЗАНИ ЭЛЕКТРОНӢ

7. Дастрасии истифодабарандагон барои ҳуқуқи истифода бурдани махзани электронӣ тавассути модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии андоз дар асоси шартномаи тарафайн тибқи тартиби муқарраргардида бо иҷозати Раиси Кумитаи андоз аз ҷониби КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» таъмин карда мешавад. Инчунин ҳангоми бо фармоиши Раиси Кумитаи андоз ба мансаб таъин намудани корманд таъмини дастрасии корманд ба махзани электронӣ дар доираи дастурамали мансабии ӯ анҷом дода мешавад.

8. Ба истифодабарандагони махзани электронӣ (ба истиснои кормандони мақомоти андоз) ҳуқуқ танҳо барои ворид ва истифода намудани маълумоти дар махзани электронӣ ҷамъовардашуда тавассути модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии андоз дар асоси шартномаи дуҷониба мутобиқ ба талаботи Кодекси андоз дастрасӣ дода мешавад.

9. Ба кормандони мақомоти андоз дар асоси фармоиши Раиси Кумитаи андоз дастрасӣ ба махзани электронӣ тавассути модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии андоз вобаста ба мансаби ишғолнамуда ва дастурамали мансабӣ дар шаклҳои зерин дода мешавад:

- барои истифодаи маълумоти дар махзани электронӣ ҷамъовардашуда тавассути модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии андоз;
- барои истифода, ворид ва хориҷ намудани маълумот, инчунин даровардани тағйиру иловаҳо ба маълумоти махзани электронӣ тавассути модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии андоз;

- барои гузаронидани таҳлил ва коркарди махзани электронӣ тавассути модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии андоз, Excel ва дигар барномаҳо.

10. Агар истифодабарандаи махзани электронӣ (ба истиснои кормандони мақомоти андоз), ки барои истифодаи махзани электронӣ дастрасӣ пайдо намуда буд, бо сабабҳои гуногун иваз карда шавад, мақомоти истифодабаранда уҳдадор мебошад, ки то иваз намудани масъулин дар ин хусус ба Кумитаи андоз дар шакли хаттӣ (ё электронӣ) хабар дода, маълумотро дар бораи истифодабарандаи навтаъиншуда пешниҳод намояд. КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» дар муҳлати як рӯз истифодабарандаи навро бо "логин" ва "рамз" барои дастрасӣ ба махзани электронӣ тавассути модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии андоз таъмин менамояд.

11. Ҳангоми ба мансаб таъин намудани корманди мақомоти андоз дар давоми як рӯз нусхаи фармоиш аз тарафи Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи андоз ба КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» ирсол карда шуда, бо иҷозати роҳбарияти Кумитаи андоз дар муҳлати як рӯз корманди мазкур бо "логин" ва "рамз" барои дастрасӣ ба махзани электронӣ тавассути модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии андоз таъмин карда мешавад.

12. Ҳангоми аз мансаби ишғолнамуда озод намудан ё ҷойивазкунии корманд бо мақсади сари вақт қатъ намудани дастрасии корманд ба истифодабарии махзани электронӣ бо таври ҳатмӣ худи ҳамон рӯз нусхаи фармоиш оиди озод намудан аз мансаби ишғолнамуда аз ҷониби Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ба КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» дастрас карда мешавад.

13. Баъди ба иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ оғоз намудани корманди навтаъиншуда, ҷойивазкунӣ ва ё иваз шудани минтақаи хизматрасонии корманди мақомоти андоз дар асоси фармоиши сардори мақомоти ҳудудии андоз оид ба вобаста намудани корманд ба минтақаи муайяни корӣ ва андозсупорандагони мушаххас, додани дастрасӣ ба истифодабарии махзани электронӣ тавассути барномаи компютерии андоз аз ҷониби сардорони шуъба (бахш)-и баҳисобгирии даромадҳои мақомоти ҳудудии андоз анҷом дода мешавад.

14. Ба сардорони воҳидҳои сохтории Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати амалӣ намудани назорати умумӣ аз болои фаъолияти зердастон ва андозсупорандагон додани дастрасии умумӣ ба махзани электронӣ тавассути барномаи компютерии андоз иҷозат дода мешавад.

15. Ҳангоми аз иҷрои вазифаҳои мансабӣ дур кардани корманд бо сабаби ошкор кардани қонунвайронкунӣ, гузаронидани санҷишҳои хизматӣ ва дигар ҳолатҳои номатлуб воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва сардорони мақомоти ҳудудии андоз вазифадоранд, ки оиди қатъ намудани дастрасии корманд ба махзани электронӣ ба роҳбарияти Кумитаи андоз ва КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» фавран муроҷиат намоянд.

16. Ҳангоми бо сабабҳои узрнок (рухсатии меҳнатӣ, беморӣ, такмили ихтисос ва ғайраҳо) дар кор ҳузур надоштани корманд сардорони мақомоти худудии андоз вазифадоранд, ки дар давоми як рӯзи корӣ муваққатан дастрасии шахси дар минтақаи корӣ ҳузурнадоштаро ба барнома маҳдуд намуда, дастрасии шахсе, ки андозсупорандагон муваққатан ба ӯ вобаста гардидаанд, ба махзани электронӣ таъмин намоянд.

17. Бо мақсади таъмини бехатарии нигоҳдорӣ ва махфияти маълумоти махзани электронӣ КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» вазифадор аст, ки "рамз"-и истифодабарандаи махзани электрониро оид ба дастрасӣ ба истифодабарии маҳзани электронӣ тавассути барномаи компютерии андоз ҳар аввали моҳ иваз намуда, оид ба рамзи нав ба воситаи телефони мобилӣ бо тариқи "SMS-паёмак" истифодабарандаро огоҳ намояд.